«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.________________
«01» ________09________соли 2023

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзуи «Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба иҷро расидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Камолов Хуршедулло Субҳонқулович ассистент унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Камолов Хуршедулло Субҳонқулович соли 2014 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, соли 2019 онро аз рӯйи ихтисоси «ҳуқуқшиноси байналхалқӣ» хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 20 июни соли 2023, тахти №96 дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Сафарзода Анвар Ислом доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул шудааст:

**Мубрамии мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Бояд зикр кард, ки раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои ҳуқуқии байнидавлатӣ талаб менамояд, ки дар марҳилаи муосири инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ бештари муносибатҳое, ки дар ибтидо мавзуи танзими ҳуқуқи

дохилидавлатиро ташкил медоданд, аз тарафи ҳуқуқи байналмилалӣ ба танзим дароварда шаванд. Ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ муносибатҳои соҳаи танзими мавзуи муштаракро ба танзим даровarда, дар ин самт, фаъолона ҳамкорӣ менамоянд. Зимнан, механизми иртиботи онҳо асосан дар доираи ҳуқуқи миллӣ муайян карда мешавад. Аз ташкили дахлдори ин механизм ноил гардидани мақсадҳои танзими ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ба объекти ҳардуи низоми ҳуқуқӣ мансуб мебошанд, вобастагӣ дорад. Андешаҳои илман асоснок дар хусуси табиат ва шаклҳои ҳамкории ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ дар бештари мавридҳо асоси муайян намудани воситаҳо ва тарзҳои амалисозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳудуди давлат, ташаккули механизми ҳуқуқӣ-миллии таъмини амалисозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро ташкил медиҳанд. Ҳангоми омоданамоии лоиҳаҳои қонунҳои дахлдор маҳз чунин андешаҳои илмии асоснок ба роҳбарӣ гирифта мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ яке аз проблемаҳои мураккаби ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, бояд мавқеи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ҳудуди татбиқи онҳо дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ва таносуби онҳо ҳангоми танзими муштараки муносибатҳое, ки ба объекти ҳуқуқи ҷиноятӣ мансуб мебошанд, муайян карда шавад.

Гарчанде ки баъзе ҷанбаҳои ин масъала дар корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, вале ҳанӯз ҳам қисме аз онҳо ба таҳқиқоти минбаъда ниёз доранд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳанӯз ҳам табиати ҳуқуқии баъзе институтҳо, ки меъёрҳои онҳо дар заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ ташаккул ёфтаанд, нодуруст тавзеҳ дода мешаванд ва бо назарияи муосири ҳуқуқи байналмилалӣ мухолифат менамоянд. Дар ин маврид, асосан, дарки категорияҳои

худичрошавандагӣ ва худичронашавандагии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мушкил мебошад. Масъалаҳои амали бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ дошта, таносуби ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва миллӣ ва монанди инҳо ба таври мухталиф ҳал карда мешаванд. Бахусус, масъалаи мавқеи ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми қонунгузории миллӣ ва бартарияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ аз ҷумлаи масоили баҳсбарангез буда, дар атрофи онҳо муқаррароти қонунгузорӣ ба таври мухталиф тавзеҳ дода мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, таҳлили амиқи назариявии татбиқи (имплементатсияи) меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои коркарду таҳияи тавсияҳои асоснок ҷиҳати такмили механизми таъмини ҳуқуқи ҷиноятии дохилидавлатии амалисозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ки ба мавзуи «Масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (барои солҳои 2021-2025)» бахшида шудааст, омода гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқот таҳлили маҷмуии масъалаҳои мавқеъ ва аҳаммияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи Тоҷикистон, таносуб ва ҳамкории меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, татбиқи меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, таҳия ва пешниҳод намудани тавсияҳои илмӣ доир ба такмили меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ бо мақсади амалисозии самараноки муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар робита ба мақсади таҳқиқот, ҳамзамон доираи муайяни вазифаҳо низ муқаррар шудаанд, ки ҳалли назариявӣ ва амалии онҳо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ташкил медиҳанд:

- таҳлил намудани муқаррарроти қонунгузории миллӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҷиҳати муайян кардани мавқеи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян намудани аҳаммияти меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ барои инкишофи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлил ва баррасӣ намудани асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлил ва муайян намудани татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар вазифа ва принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ;

- таҳлили татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилали дар меъёрҳои Қисми умумии қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амали қонуни ҷиноятӣ дар замон ва макон;

- муайян намудани татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар меъёрҳои дигари Қисми умумии қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- коркард ва таҳия намудани пешниҳодҳои дахлдор оид ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Объекти таҳқиқотро масоили мубрами татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти** диссертатсиониро меъёрҳои конунгузории амалкунанда (конститутсионӣ, ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ), санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки объекти танзими меъёрҳои онҳо ба объекти танзими меъёрҳои Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст, инчунин, меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ ва қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ вобаста ба масъалаҳои матрахшаванда, ҳамзамон, нашриёти илмӣ (таҳқиқотҳои диссертатсионӣ, монографияҳо, адабиёти таълимӣ ва м.и.), ки ба масъалаҳои таҳлилшаванда алоқаманд мебошанд, дар бар мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ягона таҳқиқоти илмие мебошад, ки дар асоси қонунгузории амалкунанда анҷом ёфта, бевосита ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятӣ бахшида шудааст. Таҳлилу мулоҳиза ва хулосабарорӣ атрофи андешаҳои олимони ҳуқуқшинос аз рӯи ҷанбаҳои мухталифи проблемаи ишорашуда дар марҳилаи муосири инкишофи илми ҳуқуқи байналмилалӣ, истифодаи усули сохторӣ-низомнокӣ ҳангоми таҳқиқоти таносуби ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва миллӣ имкон медиҳад, ки як қатор пешниҳодҳо доир ба мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ ва ҳалли баъзе масъалаҳои назариявӣ коркарду манзур карда шаванд. Таҳқиқоти рисолаи диссертатсионии мазкур имкон медиҳад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод карда шаванд:

I. Принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи махсусро соҳиб буда, мақоми ҳуқуқии онҳо дар Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” муқаррар шудааст. Дар ин ҳолат, зарур дониста мешавад, ки моқоми ҳуқуқии принсипҳо ва

меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ инчунин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мустаҳкам карда шавад. Меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи калидӣ ва хосаро соҳиб буда, дар ҳамоҳангӣ бо меъёрҳои дохилидавлатӣ ба сифати омили нуриқтидори субoти ҳаёти ҷамъиятӣ хизмат намуда, манфиатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, давлат, ҷамъият ва шаҳрвандони алоҳидаро ҳифз, мустаҳкам ва ҳимоя менамоянд.

II. Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ғояҳои асосии роҳбарикунандае мебошанд, ки асосан дар санадҳои ҳуқукии байналмилалӣ инъкос ёфта, иҷрои онҳо аз тарафи давлатҳои онҳоро эътирофкарда ҳатмӣ мебошад. Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро вобаста ба хусусияти онҳо ба се гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1) принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ – принсипи эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; принсипи баробарҳуқуқии халқҳо ва ҳуқуқи халқҳо ба муайян кардани ояндаи худ; принсипи ҳамзистии осоишта ва баробарии соҳибихтиёрии давлатҳо ва принсипи ба ин алоқаманди истифода набурдани қувва ё таҳдиди қувва дар муносибатҳои байналмилалӣ; принсипи дахлнопазирии сарҳадҳои давлатӣ ва тамомияти марзии давлатҳо; иҷрои софдилонаи уҳдадориҳои байналмилалӣ; принсипи ҳамкории давлатҳо; 2) принсипҳои умумии ҳуқуқии байналмилали – ҳамаи одамон дар назди қонун баробаранд; манъи шиканҷа; ҳеҷ кас таҳти ҳабс ё дастгиркунии худсарона қарор дода намешавад; маҳдуд ё манъ кардани ҳукми қатл; ҳукми қатл нисбати шахсони аз 18 сола поён ва занони ҳомила бароварда намешавад ва г.; 3) принсипҳои махсуси (соҳавии) ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ – ҷиноят ҷой надорад, агар дар қонун ба он ишора нашуда бошад (Nullum crimen sine lege); ҷазо ҷой надорад, агар дар қонун ба он ишора нашуда бошад (Nulla poena sine lege); қувваи бозгашт надоштани амали қонун; ҷавобгарии фардии шахсоне, ки ҷинояти байналмилалӣ содир кардаанд; принсипи татбиқ

накардани мухлатҳои мурур нисбати ҷиноятҳои байналмилалӣ; принсипи гуноҳ ва ғ.

III.Меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ қоидаи рафторе мебошанд, ки аз тарафи субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ (давлатҳо ва дигар субъектҳо) ҳамчун қоидаҳои аз лиҳози ҳуқуқӣ ҳатмӣ дар доираи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ эътироф гардидаанд. Меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти диспозитивӣ ва императивӣ дорад. Меъёрҳои диспозитивии ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти иҷрои ихтиёрӣ дошта, бештар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусияти эъломиявӣ дошта мустахкам гардидаанд. Меъёрҳои императивии ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти иҷрои ҳатмӣ дошта, бештар дар конвенсия, паймон ва оинномаҳои судҳои ҷиноятии байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

IV. Принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар сурате ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ баромад карда метавонанд, ки агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мустаҳкам шуда бошанд ва ҷиноят будани кордорро муқаррар, тағйир ё бартараф намояд ё ин ки ба таври дигар масъалаҳои ҳуқуқӣ-моддии ҷавобгарии ҷиноятиро танзим кунанд. Зимнан, чунин муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ бояд хусусияти на тавсиявӣ, балки ҳатмӣ дошта бошад.

V. Ҳуқуқи байналмилалӣ низоми принсипҳои асосӣ, умумӣ ва соҳавиро фаро мегирад, ки таъсири онҳо бевосита дар принсипҳои қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон мушоҳида мегардад. Алалхусус, таъсири принсипҳои соҳавии ҳуқуқи байналмилалиро ба муқарроти Кодекси ҷиноятии ҶТ қайд намудан мумкин аст: nullum crimen sine lege (ҷиноят ҷой надорад, агар дар қонун ба он ишора нашуда бошад) м. 4 КҶ ҶТ (принсипи қонуният); nullum poena sine lege (ҷазо ҷой надорад, агар дар қонун ба он ишора нашуда бошад) – м. 4 КҶ ҶТ (принсипи қонуният); non bes in idem (ду маротиба ҷазо додан барои як ҷиноят манъ аст) – м. 8 КҶ ҶТ (принсипи адолат); ratione temporis (қувваи бозгашт

надоштани амали қонун, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки ҳолати шахси гунаҳгорро беҳтар месозад) – м. 13 КҶ ҶТ (Қувваи бозгашти Қонуни ҷиноятӣ); ҷавобгарии фардӣ – м.м. 7 ва 22 КҶ ҶТ (Принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ; Шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ); принсипи гуноҳ - м. 7 КҶ ҶТ (Принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ); принсипи татбиқ накардани мӯҳлатҳои мурур нисбати ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва амнияти инсоният – м. 75 КҶ ҶТ; принсипи номумкин будани истинод ба мансаби ишғолкарда ва иҷрои фармон ё амр – м. 45 КҶ ҶТ.

VI. Низоми қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ дар маҷмуъ, номгӯйи арзишҳоеро инъикос менамоянд, ки дар шакли принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба вуҷуд омадаанд ва дар хусуси қабул гардидани принсипҳои умумии ҳуқуқи байналмилалӣ ба сифати сарчашмаҳои дорои хусусияти ҳам умумӣ ва ҳам соҳавӣ шаҳодат медиҳад. Принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши бузург ва муҳимро иҷро мекунанд. Қонунгузор дар давраи ҳуқуқэҷодкунӣ принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалиро ба сифати сарчашмаҳои мафкуравии рушди ҳуқуқи дохилидавлатӣ истифода мебарад.

VII. Аксарияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муқаррароти КҶ ҶТ, ки принсипи амали қонуни ҷиноятиро дар фазо муқаррар менамоянд, татбиқ шудаанд. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи ҳудудӣ, воқеӣ, умумӣ ва принсипи шаҳрвандӣ мустаҳкам гардидаанд. Принсипҳои амали қонун дар фазо – ин асоси ибтидоии низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, ҳаҷми юрисдиксияи (салоҳияти) ҳуқуқи ҷиноятии давлати моро, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ва берун аз он амалӣ карда мешавад, муайян мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки масуният аз юрисдиксияи давлати буду бошро муқаррар менамоянд, хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ надоранд ва бинобар

ин, зарурати дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ кардани онҳо ҷой надорад. Ин меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ худиҷрошаванда мебошанд. Барои татбиқи бевоситаи онҳо истиноди дар қ. 4 м. 14 КҶ ҶТ овардашуда кифоя мебошад. Амалисозии маҷбурии юрисдиксияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди давлати хориҷӣ дар асоси принсипи амали воқеии қонуни ҷиноятӣ дар фазо, воқеан ҳам дахолат ба корҳои дохилии ин давлат мебошад. Вале, дар робита ба он ки принсипи амали воқеӣ содир намудани ягон амали маҷбуриро берун аз ҳудуди Тоҷикистон нисбати шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, бо мақсади ғайриқонунӣ аз соҳаи юрисдиксияи давлати хориҷӣ гирифтани онҳо дар назар надорад, пас, инро мо вайронкунии соҳибихтиёрии чунин давлат гуфта наметавонем.

VIII. Меъёрҳои байналмилалии худиҷрошаванда, ки сифатҳои танзимкунии бо меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ мувофиқ доранд, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи ба қувваи амал даромадан барои давлати мо, дар шакли иҷро, истифода ва риоя бевосита амалӣ карда мешаванд. Амалисозии чунин меъёрҳо дар шаклҳои зикршуда тавассути ҳуқуқи дохилидавлатӣ таъмин карда мешавад.

IX. Бо мақсади такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ чунин пешниҳодҳо карда мешавад:

1. Ҷиҳати аз байн бурдани духурагӣ ва гуногунфаҳмӣ дар татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҷумлаи дуюми қ. 3 м. 10 Конститутсияи ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Мавқеи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонун муқаррар карда мешавад».

Инчунин, бо мақсади таъмин намудани мутобиқати дохилиқонунӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҷумлаи дуюми қ.1 м. 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Мухолифати байни санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда аз рӯи қувваи ҳуқуқии онҳо, ки моддаи 9 Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ҳал карда мешавад».

2. Бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмӣ дар фаҳмиши муқаррароти қ. 3 м. 10 Конститутсияи ҶТ ва қ. 2 м. 1 Кодекси ҷиноятии ҶТ, пешниҳод карда мешавад, ки қ. 2 м. 1 Кодекси ҷиноятии ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«(2) Ҳамин Кодекс ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Тоҷикистон, аз ҷумла, принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос меёбад».

3. Бо назардошти қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ вазифаҳои зерин пешбинӣ карда шаванд: «ҳифзи тамомияти арзӣ, ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқӣ, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ».

4. Бо назардошти муқаррароти м.м. 4 ва 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва м. 8 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба КҶ ҶТ моддаи $9^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«$9^1$. Принсипи манъи ғуломӣ

1) Ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё дар ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дошта шуда, ба меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ ҷалб карда шавад.

2) Номгӯйи корҳое, ки меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ дониста намешавад, тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд».

5. Бо мақсади мушаххас намудан ва ба муқаррароти қ. 2 м. 11 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар соли 1948, қ. 1 м. 15 Паймони байналхалқӣ доирба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ соли 1966 мутобиқ

кардан пешниҳод карда мешавад, ки қ. 1 м. 15 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1) Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шахси бешаҳрванди доимо дар он истиқоматкунанда барои ҷинояти дар ҳудуди давлати хориҷӣ содиркардааш мутобиқи ҳамин Кодекс ҳангоми ҷой доштани ҳамаи шартҳои зерин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад:

а) кирдори содиркардаи ӯ дар давлате, ки дар ҳудуди он ин кирдорро содир кардааст, ҷиноят эътироф карда шавад;

б) кирдори содиркардаи ӯ тибқи ҳамин Кодекс ҷиноят эътироф шуда бошад;

в) агар ӯ барои ин ҷиноят дар давлати хориҷӣ маҳкум нашуда бошад;

г) агар мухлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кишидани ӯ тибқи ҳуқуқи давлати хориҷӣ нагузашта бошад».

6. Қисми 3 моддаи 15 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3) Агар ҷинояти содирнамудаи шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо истиқоматнакунанда ба муқобили ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шуда бошад, пас сарфи назар аз маҳкум гардидани ӯ дар давлати хориҷӣ, мутобиқи ҳамин Кодекс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.»;

7. Ба м. 15 КҶ ҶТ қисмҳои 5) ва 6) бо мазмуни зерин илова карда шуда, қисми 5) қисми 7) ҳисобида шавад:

«5) Агар ҷинояти дар хориҷи кишвар содирнамудаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шаҳрванди хориҷӣ ва ё шахси бешаҳрвандии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо истиқоматнакунанда ба муқобили ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шуда бошад, пас сарфи назар аз маҳкум гардидани ӯ дар давлати хориҷӣ, мутобиқи ҳамин Кодекс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Ҳангоми таъини ҷазо нисбати шахсони мазкур, суд бо назардошти чораҳои хусусияти ҳуқуқии

ҷиноятии нисбати онҳо дар давлати хориҷӣ татбиқшуда, метавонад ҷазои онҳоро сабук ё онҳоро аз адои ҷазо озод намояд.

6) Хизматчиёни харбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои иҷрои вазифаҳои муайян дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ қарор доранд, барои ҷиноятҳои дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ содирнамуда, мутобиқи ҳамин Кодекс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад».

8. Ба м. 15 КҶ ҶТ меъёри алоҳида ворид карда шуда, дар он тамоми моддаҳои КҶ ҶТ, ки нисбати ҷиноятҳои пешбининамудаи онҳо қонуни ҷиноятӣ новобаста аз шаҳрвандии субъекти ҷиноят ва ҷойи содиршавии ҷиноят амал мекунад, нишон дода шаванд.

9. Пешниҳод карда мешавад, ки м. 22 КҶ ҶТ таҷдиди назар карда шуда, дар он ҷавобгарии ҷиноятии шахсони то синни 18 сола барои ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва амнияти инсонияти инсоният истисно карда шавад. Зеро шахсони синни аз 18 сола поён хавфнокии ҷамъиятии кирдори худро ба таври дахлдор пурра ва ҳаматарафа дарк карда наметавонанд.

10. Бо мақсади дар Қонуни ҷиноятии ҶТ татбиқ намудани моддаи 32 Статути Римии СҶБ пешниҳод карда мешавад, ки ба КҶ ҶТ моддаи 31[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Моддаи 31[1]. Саҳви воқеи ва саҳви ҳуқуқӣ

1) Саҳви воқеи асоси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан мебошад, агар он гуноҳи шахсро дар содир кардани кирдори ҷиноятӣ истисно намояд.

2) Саҳви ҳуқуқӣ, яъне дар робита ба ҷиноят будан ё набудани кирдори муайян ҷавобгарии ҷиноятиро истисно намекунад. Аммо, иштибоҳ дар ҳуқуқ ҳангоми дар ҳаракатҳои шахс мавҷуд набудани гуноҳ ё ин ки бо тартиби пешбининамудаи моддаи 45 ҳамин Кодекс ҷавобгарии ҷиноятиро истисно менамояд».

11. Бо мақсади татбиқ гардидани меъёри қ. 2 м. 33 статути римӣ оид ба иҷрои фармон ҳангоми содир кардани ҷиноят пешниҳод карда мешавад, ки ба м. 45 КҶ ҶТ қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«(4) Барои мақсадҳои ҳамин модда фармон ва амрҳо оид ба содир кардани ҷинояти генотсид ва ҷиноятҳо ба муқобили инсоният баръало ғайриқонунӣ мебошанд».

12. Бо дар назардошти таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва принсипи инсондустии дар моддаҳои 3 ва 5 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва моддаи 7 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пешбинишуда, муҳлати ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, ки дар қисми 2 моддаи 58 Кодекси ҷиноятӣ аз 6 моҳ то 25 сол пешбинӣ шудааст, он аз 25 соли маҳрум сохтан аз озодӣ ба 15 соли маҳрум сохтан аз озодӣ паст карда шавад.

Хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешкаш гардидаанд, бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузоштташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ аст.

Оид ба мухтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 11 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ интишор гардидааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тосҷикистон чоп шудаанд:**

[1–М]. Камолов Х.С. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар меъёрҳои қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амали қонуни ҷиноятӣ дар макон [Матн] / Х.С. Камолов // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷалаи Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ – Душанбе, – 2022. №9 – С. 261-267; ISSN 2413-5151.

[2–М]. Камолов Х.С. Таносуби ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва миллӣ [Матн] / Х.С. Камолов // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷалаи Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ – Душанбе, – 2022. №7 – С. 259-266; ISSN 2413-5151.

[3–М]. Камолов Х.С. Мафҳум ва моҳияти юрисдиксия дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ [Матн] / Х.С. Камолов // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷалаи Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ – Душанбе, – 2023. №2 – С. 245-249; ISSN 2413-5151.

[4–М]. Камолов Х.С. Сафарзода А.И. Мавқеъ ва аҳамияти принсипи ҷавобгарии фардӣ дар низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ [Матн] / Х.С. Камолов, А.И. Сафарзода // Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Маҷаллаи «Академии Ҳуқуқ», – Душанбе, 2022 №4 (44)– С. 181-184; ISSN 2305-0535.

[5–М]. Камолов Х.С. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи бaйиналмилалӣ дар принсипҳои қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон [Матн] / Х.С. Камолов// Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Маҷаллаи «Академии Ҳуқуқ», – Душанбе, 2022 - №4 (44), – С. 206-213; ISSN 2305-0535.

[6–М]. Камолов Х.С. Институти масуниятҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ: Масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста ба амали қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар макон [Матн] / Х.С. Камолов // Маҷмӯаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон». (27), – Душанбе, 2022 - №3 – С. 281-293; ISSN 2414 9217

[7–М]. Камолов Х.С. Мавқеи принсипи қонуният дар низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ [Матн] / Х.С. Камолов // Маҷмуаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон»,– (28), Душанбе, 2022 №4 – С. 218-225; ISSN 2414 9217.

[8–М]. Камолов Х.С. Мавқеи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Х.С. Камолов // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ». (47) – Душанбе, 2022 №3 – С. 142-150; ISSN 2410-2903.

[9–М]. Камолов Х.С. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар вазифа ва принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ [Матн] / Х.С. Камолов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, – 2022 – №4/1 (58). – С. 333 – 344; ISSN 2664-0651.

[10–М]. Камолов Х.С. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба танзими ҳуқуқии институти истирдод [Матн] / Х.С. Камолов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, – 2022 – №4/2 (59).- С. 264 – 272; ISSN 2664-0651.

[11–М]. Kamolov Kh.S, Safarzoda A.I. General provisions on the concept of implementation [Text] Kh.S. Kamolov, A.I. Safarzoda // Scientific analytical journal of «Legislation» – Dushanbe, – 2023 – №3 (51). - P. 202 – 208; ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

[12–М]. Камолов Х.С. Мавқеъ ва аҳамияти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ вобаста ба ҳимояи ҳуқуқи инсон дар меъёрҳои қисми умумии кодекси ҷиноятии ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Х.С. Камолов, // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз», – Душанбе, 2022. – С. 284-294.

[13–М]. Камолов Х.С. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар вазифаҳои қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон [Матн] / Х.С. Камолов //

Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалиявӣ дар мавзуи «Чтенис Ломоносов 13» бахшида ба 115 солагии академик Бобоҷон Ғафуров (28-29 апрели 2023). Қисми 2. Илмҳои гуманитарӣ (ҳуқуқ, иқтисодиёт). - Душанбе, 2023 С. 87-94.

[14–М]. Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: Анализ тенденций и перспектив развития», маъруза дар мавзуи «Ҷавобгарии фардӣ – принсипи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ» (Душанбе, 28 октябри соли 2022).

[15–М]. Камолов Х.С. Таҳлили мафҳум ва намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳои байналмилалӣ [Матн] / Х.С. Камолов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷуёни ДМТ бахшида ба «75 солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115 солагии академик Бобоҷон ғафуров», «Соли 2023 – Соли забони русӣ» ва «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо». Душанбе – 2023.

[16–М]. Камолов Х.С. Ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва ҳамбастагии он бо низоми ҳуқуқи миллӣ [Матн] / Х.С. Камолов // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – 2022. №2 - С. 196-204.

Ҳамаи мақолаҳои муаллиф оид ба муҳтавои диссертатсия навишта шуда, таҳлили онҳо дар қисми хулосавии диссертатсия сабт гардидаанд.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсия таҳқиқоти мантиқан анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ дорад ва аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои нави илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад, ки дар он саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба назар мерасад. Рисолаи мазкур ба талаботи манзурнамудаи банди 31, 33-35, 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

2. Диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович «Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон » ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18, «зид» – 0, «бетараф» – 0, протоколи №1 аз 30 августи соли 2023.

**Раиси ҷаласа:**

Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ
ва муқовимат бо коррупсияи факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ, дотсент Раҳмонзода М.Ҷ.

**Котиби ҷаласа:**

н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ
ва муқовимат бо коррупсияи факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Холиқзода Ш.Л.

**Имзои Раҳмонзода М.Ҷ. ва**
**Холиқзода Ш.Л.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«01» 09 2023 с.**